ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна дар мавзуи «Мазмун ва муҳтавои мафҳумҳо ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2- Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)

Дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба Шуро қабули диссертатсияҳо, баррасӣ ва ҳимояи онҳо иҷозат дода шудааст. Диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа пешниҳод гардида, мавзуъ, муҳтаво ва мазмуни асосии он ба шиносномаи ихтисоси мазкур ва самтҳои таҳқиқотии соҳаи илмҳои фалсафӣ мутобиқат менамояд.

Мавзуи диссертатсия ҷавобгуйи талаботи пешниҳоднамудаи Шиносномаи номгуйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мувофиқи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591 тасдиқ гардидаанд, таҳия шудааст.

Мутобиқати мавзуъ ба самтҳои афзалиятноки илм дар Ҷумҳурӣ (ҳар
Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмии илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ дар Ҷумҳурӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, №114 тасдиқ гардидааст ва дар он масъалаҳои шинохти мазмун ва моҳияти мафҳум ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори яке аз чеҳраҳои намоёни илму адаби миллати тоҷик Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, инчунин арзиши таълимоти мутафаккир барои тақвияти шуури эстетикии насли муосир матраҳ гардидааст, алоқаманд мебошад. Мавзуи диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна ба масъалаҳои дарки системаи мафҳумҳо, аз ҷумла мафҳумҳои бунёдӣ, мазмун ва моҳияти мақулаҳои зебоӣ ва зиштӣ, шукуҳ ва разилӣ, мазҳакавӣ ва фоҷиавӣ дар таълимоти мутафаккир ва шинохти арзишмандии онҳо алоқаманд мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои густариши донишҳои фалсафӣ-зебоишиносӣ, таҳкими шуури эстетикӣ ва ташаккули ҳисси худшиносиву худогоҳии ҷомеаи муосири Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта бошанд. Аз ин лиҳоз, мавзуи диссертатсия бо самтҳои марбут ба рушди илмҳои фалсафӣ дар Ҷумҳурӣ алоқаманд мебошад.

Оид ба мукаммал инъикос ёфтани муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб

Натиҷаҳои илмии диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна дар як қатор конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии сатҳи

байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла дар конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии "Масъалаҳои муҳими рушди фалсафа дар Тоҷикистони муосир" дар мавзуи "Инъикоси категорияи "шукуҳ" дар мухтасари "Хирадномаи Искандарӣ"-и Абдураҳмони Ҷомӣ" (ш.Душанбе), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии "Ташаккули худшиносии миллии ҷавонон-яке аз роҳҳои муқовимат бар зидди идеологияи экстремистӣ" дар мавзуи "Мазмуни мафҳуми "ҳунар" ва асоси эстетикии он дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ", (ш.Душанбе), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии "Пешвои миллат ва таҳаввули фалсафаи миллӣ дар замони Истиклол" дар мавзуи "Мақоми масъалаи инсон дар ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомӣ" мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсияи довталаб Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна дар мавзуи «Мазмун ва муҳтавои мафҳумҳо ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ» дар асоси таҳлили назариявӣ, омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва истифодаи усулҳои мувофиқи таҳқиқоти фалсафию иҷтимоӣ ба даст омадаанд. Муаллиф зимни таҳқиқ аз осори Абдураҳмони Ҷомӣ, сарчашмаҳои муътамад, осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ва маводи марбут ба масъалаҳои зебоишиносӣ истифода намуда, ҷанбаҳои гуногуни андешаҳои Ҷомиро оид ба мафҳум ва мақулаҳои зебоишиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар таълифоти илмии довталаб инъикоси худро ёфта, мазмуну муҳтавои мақолаҳои нашршуда ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия алоқаманд мебошанд. Теъдод ва ҳаҷми таълифоти илмии довталаб, инчунин иштироки ӯ дар конференсияҳои илмӣ барои муаррифӣ ва муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот замина фароҳам овардаанд. Ҳамин тариқ, интишороти илмии Ҳайитбоева М.А. инъикосгари натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии ӯ буда, ба самти илмии ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа мувофиқат менамоянд.

Дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия;
Вобаста ба мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, довталаб Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна дар маҷмуъ 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин шумора 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилбуда ва 3 мақола дар дигар нашрияҳои илмӣ интишор гардидаанд. Ҳаҷми умумии таълифоти илмии нашршудаи довталаб 4,3 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад. Мазмуну муҳтавои мақолаҳои мазкур ба мавзуъ ва масъалаҳои асосии диссертатсия алоқаманд буда, натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифро инъикос менамоянд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мутобиқати мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, истифодаи усулҳои илмии таҳқиқот ва пайдарҳамии мантиқии таҳлилу хулосаҳо таъмин мегардад. Муқоиса ва таҳлили андешаҳои гуногуни илмӣ оид ба мазмун ва муҳтавои

мафҳум ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Ҷомӣ барои ба даст овардани андешаҳои арзишманд мусоидат намудааст.

Хулосаҳои асосии диссертатсия аз таҳлили масъалаҳои мавриди таҳқиқ бармеоянд ва бо муқаррароти назариявии пешниҳодшуда мутобиқати мантиқӣ доранд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ ва маводи конференсияҳо инъикос ёфта, мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтаанд.

Дар маҷмуъ, дараҷаи асосноки ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот қобили қабул буда, онҳо ба талаботи умумии таҳқиқоти илмӣ ҷавобгӯ мебошанд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои омузиши минбаъдаи масъалаҳои забон ва нақши он дар раванди инкишофи ҷомеа истифода шаванд.

Татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ва пешниҳоди манфиатҳои иқтисодӣ.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна дар мавзуи «Мазмун ва муҳтавои мафҳумҳо ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ», аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонанд дар коркарди минбаъдаи мавзуъ, таҳияи барномаҳои тарбиявӣ ва ташаккули шуури зебоипарастии ҷомеа истифода шаванд. Натиҷаҳои бадастомада барои таҳияи дастур ва воситаҳои таълимӣ аз фанҳои таърихи фалсафа, зебоишиносӣ, фарҳангшиносӣ, ташаккули худшиносии миллӣ, таҳкими ҳувияти фарҳангӣ ва рушди маънавиёти ҷомеа мусоидат карда метавонанд. Бо дарназардошти хусусияти фалсафию зебоишиносии таҳқиқот, татбиқи бевоситаи натиҷаҳои он дар раванди таълим ва пешниҳоди андешаҳои асоснок ҳадафи асосии диссертатсия ба ҳисоб намеравад. Бо вуҷуди ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар такмили фаъолияти маърифатӣ, таълимӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ, инчунин дар таҳияи тавсияҳо оид ба рушди шуури эстетикӣ ва баланд бардоштани самаранокии маънавиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти амалӣ дошта бошанд.

Вобаста ба масъалаи қабул намудани диссертатсия ба Шуро. Шурои диссертатсионӣ диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна дар мавзуи «Мазмун ва муҳтавои мафҳумҳо ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа қобили қабул дониста, онро ҷиҳати баррасии минбаъда ба Шурои экспертӣ пешниҳод намуд. Муайян карда шуд, ки мавзуъ, муҳтаво ва самти илмии диссертатсия ба ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа мутобиқат намуда, масъалаҳои таҳқиқшуда ба доираи илмии ихтисоси мазкур мувофиқ мебошанд. Бо дарназардошти аҳаммияти илмии мавзуъ, натиҷаҳои бадастомада ва мутобиқати диссертатсия ба самти ихтисоси пешниҳодшуда, Шуро қабули диссертатсияро барои баррасии минбаъда мувофиқи мақсад донист.

Вобаста ба пешниҳоди муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбари эҳтимолӣ.

Вобаста ба нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия.

Комиссияи экспертӣ, дар асоси баррасии диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа, ба хулоса меояд, ки автореферати диссертатсия мазмуну муҳтавои асосӣ, мақсаду вазифаҳо, навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои таҳқиқотро ба таври мухтасар ва возеҳ инъикос менамояд.

Бо дарназардошти аҳаммияти илмӣ ва иҷтимоии мавзуи таҳқиқот, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси интихобшуда ва инъикоси натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар таълифоти илмии довталаб, Комиссияи экспертӣ нашр ва паҳн намудани авторефератро тибқи талаботи муқарраргардида мувофиқи мақсад мешуморад.

Ҳамзамон, Комиссияи экспертӣ зарурати риояи талаботи муқарраргардида нисбат ба шаклу муҳтавои автореферат, дурустии маълумоти библиографӣ, мутобиқати хулосаҳо ба натиҷаҳои таҳқиқот ва таъмини дастрасии маводи диссертатсиониро барои ҷомеаи илмӣ муҳим арзёбӣ менамояд.

Хулосаи Комиссияи экспертӣ: диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновнаро аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа барои идомаи расмиёти муқарраргардидаи баррасӣ пешниҳод гардида, нашр ва паҳн намудани автореферати он пас аз иҷрои талаботи дахлдор ва қабули қарори Шурои диссертатсионӣ тавсия дода мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа баррасӣ намуда, **қ а р о р м е к у н а д:**
Диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.
Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

1. **Диноршоева Заррина Мусоевна** — доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ

2. **Салимов Аслиддин Иномҷонович** — номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода».

Ба ҳайси муассисаи пешбар - Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» таъйин карда шавад

Розиғии хаттии муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар тибқи тартиби муқарраргардида гирифта шаванд.

Розигии хаттии муқарризони расмии пешниҳодшуда — **Диноршоева Заррина Мусоевна** — доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ ва **Салимов Аслиддин Иномҷонович** — номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода», инчунин розигии хаттии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» ба ҳайси муассисаи пешбари эҳтимолӣ, бояд тибқи тартиби муқарраргардида гирифта ва ба маводи аттестатсионии диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна замима карда шаванд.

Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи расмии диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна дар мавзуи «Мазмун ва муҳтавои мафҳумҳо ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ» **барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа** дар сомонаи расмиии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

Барои чопи автореферати диссертатсия бо ҳуқуқи дастнавис ба миқдори то 50 нусха ва ирсоли он ба суроғаҳои муқарраргардида иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои фалсафа _____ Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо

аъзо:
доктори илмҳои фалсафа,
профессор _____ Содиқӣ Насиба Нурулло

доктори илмҳои фалсафа,
рофессор _____ Маҳмадҷонова Муҳиба Талъатҷоновна

11. 11. 2026